## СУРАТМАҶЛИСИ № 47

## ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002

05 феврали соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2019, №133 тасдиқгардида, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода элон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи аспиранти шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ» аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Аз рӯи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ Азиззода У.А., аъзои комиссияи ташхис Шарипов Т.Ш. ва Гадоев Б.С. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

### ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ» аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқarrизони расмӣ таъин карда шаванд: Элназаров Давлатшо Хоҷаевич доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи давлатии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон; Кенҷаев Шуҳратҷон Юсупович номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 21 майи соли 2021 таъин карда шавад.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**